Варақаи иттилоотӣ
дар бораи фаъолияти Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022

Дар нимсолаи якуми соли 2022 фаъолияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар партави сиёсат, дастуру супориш ва ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, тамоми чораҳо баҳри таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгӯй ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон андешида шуд.

Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он 26 191 (нимсолаи якуми соли 2021 – 27 887) мавод вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 1 696 мавод кам аст.

Ба Вазорати адлия дар самти қонунгузорӣ 2251 (нимсолаи якуми соли 2021-1944) мавод ворид шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 16% зиёд мебошад. Ҳамзамон дар самти баррасии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутахассисони Вазорат 1319 (нимсолаи якуми соли 2021-1759) маводро мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати онҳо хулосаҳои дахлдор пешниҳод намуданд.

Ҳамаи маводи воридшуда мавриди санҷиши ҳуқуқӣ қарор гирифта, дар самти мутобиқгардонӣ ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои ҷумҳурӣ хулосаҳои дахлдор дода шуд.

Вазорат ҷиҳати мутобиқнамоӣ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо ва бо мақсади бартараф намудани ихтилофу норасоиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 4 лоиҳаи қонун ва 3 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намуд.

Дар самти санҷиш, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 ҳамагӣ 1044 (нимсолаи якуми соли 2021 – 761) мавод ворид шуд, ки аз онҳо 525 (нимсолаи якуми соли 2021 - 409) санади ҳуқуқӣ барои баҳисобгирии давлатӣ, 123 (нимсолаи якуми соли 2021-112) барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ, 130 (нимсолаи якуми соли 2021-51) муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, 10 (нимсолаи якуми соли 2021-58) супориши Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 100 (нимсолаи якуми соли 2021-38) мавод барои иҷро ва 156 (нимсолаи якуми соли 2021-93) мавод барои маълумотро ташкил менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ 525 (нимсолаи якуми соли 2021-409) санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 90 (нимсолаи якуми соли 2021-34) қонуни конститутсионӣ ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 88 (нимсолаи якуми соли 2021-50) фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 335 (нимсолаи якуми соли 2021-276) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 (нимсолаи якуми соли 2021-44) қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ ворид гардид, ки мутобиқи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ ва ба онҳо варақаҳои баҳисобгирӣ тартиб дода шуда, ба махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии (ММИҲ) «Адлия» ва Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар шакли коғазӣ ва электронӣ) дохил карда шуд.

Аз 123 (нимсолаи якуми соли 2021-112) санади барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ воридгардида 69 (нимсолаи якуми соли 2021-40) санад ба қайд гирифта шуда, бақайдгирии 39 (нимсолаи якуми соли 2021-66) санад бинобар ба қонунгузории амалкунанда мухолифат доштан рад карда шуда, 15 санади боқимонда (нимсолаи якуми соли 2021-6) мавриди баррасӣ қарор дорад.

Аз шумораи зикршуда дар 25 санад омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор шуда, дар 84 санад омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардид, 14 санад дар баррасӣ қарор дорад.

Аз тарафи кормандони Вазорати адлия ва сохторҳои зертобеи он дар ташкилотҳо дар маҷмуъ дар нимсолаи якуми соли 2022 6 329 кори тарғибу ташвиқ гузаронида шуд, аз ҷумла 4 626 вохӯрию суҳбат, 1 328 баромаду суҳбат тавассути телевизон ва радио гузаронида, 375 мақола дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расид.

Дар самти робитаҳои байналмилалӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 ба Вазорати адлия 1828 муроҷиат аз хориҷи кишвар ворид гардид.

29-30 июни соли 2022 роҳбарияти Вазорат дар ҷаласаи 16-уми Шӯрои вазирони адлияи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди

Давлатҳои Мустақил, ки дар заминаи Форуми 10-уми байналмилалии ҳуқуқии Санкт-Петербург дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия баргузор гардида буд, ширкат варзид

Аз натиҷаи ҷаласа қарор карда шуд, ки дар соли 2023 вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Шӯро интихоб гардида, ҷаласаи 17-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шавад.

30 июни соли 2022 мулоқоти роҳбарони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Федератсияи Россия баргузор гардида, зимни он рушду таҳкими минбаъдаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи адлия ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар самти бақайдгирии ташкилотҳои адвокатӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дар шаҳри Душанбе 2 кабинети адвокатӣ ба қайд гирифта шуда, 3 кабинети адвокатӣ барҳам дода шуд.

Идораҳои нотариалии давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 341 096 (нимсолаи якуми соли 2021 – 294 188) амалиёти нотариалӣ гузаронидананд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46 908 амалиёти нотариалӣ ё 16% зиёд мебошад.

Дар самти бақайдгирии ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар давраи ҳисоботӣ 213 (нимсолаи якуми соли 2021 – 225) ариза дар бораи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳо ва барҳамдиҳӣ ворид гардид.

Вазорат дар ин давра 55 (нимсолаи якуми соли 2021-54) аризаи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро бо сабаби мухолифат доштан ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» рад намуд.

55 (нимсолаи якуми соли 2021-53) иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва 7 (нимсолаи якуми соли 2021–6) филиали иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ҷараёни бақайдгирии барҳамдиҳии давлатиро гузашта, аз Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хориҷ карда шуданд.

Дар ин муддат фаъолияти оинномавии 45 (нимсолаи якуми соли 2021-46) иттиҳодияи ҷамъиятӣ санҷида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Вазорат 1 333 (нимсолаи якуми соли 2021 - 1 365) иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва 6 ҳизби сиёсӣ дар бораи идомаи фаъолияти худ бо нишон додани ҷойи воқеъ гардидани мақомоти доимоамалкунандаи роҳбарикунанда ҳисобот пешниҳод намуданд.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 762 огоҳиномаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста ба қабул намудани грантҳо ва кумакҳо аз созмонҳои давлатҳои хориҷӣ ба Вазорат пешниҳод гардид.

Аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар давраи ҳисоботӣ 219 988 (нимсолаи якуми соли 2021 – 215 613) санад ба қайд гирифта шуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 375-то ё 2% зиёд мебошад.

Аз ҷумла:

- сабти таваллуд – 111 537 (нимсолаи якуми соли 2021 – 104 737) ё 6% зиёд;
- таваллуди кӯдаки ба синни як расида ё аз он калонтар – 21 763 (нимсолаи якуми соли 2021 – 22 871) ё 5% кам;
- сабти вафот – 16 375 (нимсолаи якуми соли 2021 – 17 267) ё 5% кам;
- сабти вафоти аз муҳлати як сол гузашта - 678 (нимсолаи якуми соли 2021 – 633) ё 7% зиёд;
- сабти ақди никоҳ – 30 266 (нимсолаи якуми соли 2021 – 32 489) ё 7% кам;
- сабти бекоркунии ақди никоҳ - 7 265 (нимсолаи якуми соли 2021 – 6 476) ё 12% зиёд;
- сабти муқаррар кардани падарӣ – 19 625 (нимсолаи якуми соли 2021 – 18 704) ё 5 % зиёд;
- фарзандхондӣ - 852 (нимсолаи якуми соли 2021 – 633) ё 35% зиёд;
- иваз намудани насаб, ном ва номи падар – 11 617 (нимсолаи якуми соли 2021- 11 803) ё 2% кам.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 дар Феҳристи ягонаи давлатии ӯҳдадориҳои гаравӣ 521 огоҳиномаи гаравии молу мулки манқул аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба қайд гирифта шуд.

Дар самти баланд бардоштани савияи ҳуқуқӣ ва омодагии касбии мутахассисони Вазорати адлия ва сохторҳои он, инчунин хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ дар давраи ҳисоботӣ 7 курси такмили ихтисос бо ҷалби 116 корманди Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ», мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, нотариус-коромӯзон, нотариусони давлатии идораҳои нотариалии давлатӣ ва коршиносони Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 семинари омӯзишӣ бо ҷалби 39 ҳуқуқшиноси вазорату идораҳо дар асоси модули таълимии «Тартиби банақшагирӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», 5 курси сайёр бо ҷалби 200 ҳуқуқшиноси хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва котибони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳрҳои Турсунзода, Кӯлоб, Истаравшан, Исфара ва ноҳияи Деваштич, 101 вохӯрӣ бо ҷалби 16 565 нафар вобаста ба нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардида, ҳамчунин 26 баромади телевизионӣ ва радио ба роҳ монда шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 барои гузаронидани экспертизаҳои судӣ-криминалистӣ аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, суд, прокуратура, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ 2804 (нимсолаи якуми соли 2021 - 3763) мавод ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 959 мавод кам аст.

Ҳуқуқшиносони давлатии Муассисаи давлатии “Маркази ёрии ҳуқуқӣ” дар давраи ҳисоботӣ ба 4 729 шаҳрванд (нимсолаи якуми соли 2021- 5094) машварати ҳуқуқӣ пешкаш намуданд. Аз ин шумора 1580 (40%) нафар мард ва 3149 (60%) нафарро зан ташкил дода, аз шумораи умумӣ 173 нафар шахсони маъюб мебошанд.

Дар маҷмуъ дар 34 шаҳру ноҳия 37 ҳуқуқшиноси давлатӣ фаъолият доранд.

Ба маркази ҳамоҳангсозии Муассиса (колл-сентр) 106 занги телефонӣ оид ба дархости адвокат барои иштирок кардан дар парвандаҳои ҷиноятӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз ин шумора 90 мард, 16 зан ва дар маҷмуъ 5 нафар ноболиғро ташкил медиҳад.

Ба шуъбаи апостилгузорӣ ба ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ 1 410 (нимсолаи якуми соли 2021 – 1 250) ариза барои гузоштани апостил пешниҳод гардид, ки аз онҳо ба 2 394 ҳуҷҷат (нимсолаи якуми соли 2021 – 2 010) апостил дода шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Вазорат 4352 (нимсолаи якуми соли 2021-2395) муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардид, ки ба ҳамаи онҳо дар мухлатҳои муқарраргардида ҷавобҳои дахлдор дода шуд.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 40 (нимсолаи якуми соли 2021 – 58) муроҷиат ба воситаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 374 (нимсолаи якуми соли 2021 – 293) муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ, 114 (нимсолаи якуми соли 2021-193) муроҷиати хаттии шахсони ҳуқуқӣ, 7 (нимсолаи якуми соли 2021-16) муроҷиати электронӣ ва 1828 (нимсолаи якуми соли 2021-1353) муроҷиат аз хориҷи кишвар ворид шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 дар рӯзҳои қабул аз ҷониби роҳбарияти Вазорат 161 шаҳрванд қабул карда шуда.

Ҳамзамон тавассути хатти телефонии ройгони 30 - 40 назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 107 (нимсолаи якуми соли 2021 – 232) шаҳрванд оид ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ муроҷиат намуд.

Айни ҳол Вазорат дар амалисозии барномаҳои давлатӣ, стратегия, консепсияҳои зерин пайваста фаъолият дорад:

1. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 тасдиқ карда шудааст.

2. Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, № 425 тасдиқ шудааст.

3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст.